*Ба шурои диссертатсинии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзӯи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар тамоми таърихи башарият инкишоф ва такмили низоми андозбандӣ сурат гирифта, ба зернизомҳои андозбандии мустақим ва бавосита тақсим мешавад. Дар баробари ин, чун қоида, дар давраи бозгашт тағйирёбии доимии андозбандии мустақим ва бавосита бо тадриҷан баланд шудани нақши андозҳои ғайримустақим ба амал омад. Бартарии онҳо нисбат ба андозҳои мустақим таъмини манфиатҳои давлатӣ (даромаднокии баланди онҳо барои давлат, нисбӣ «ноаёнӣ» ва барои андозсупорандагон камтар сарборӣ буда, дар вақти муносиб барои андозсупорандагон ва бо роҳи қулай ситонида мешаванд) мусоидат мекунад ва ба амалӣ гардонидани принсипи умумии будани андозбандӣ ёрӣ мерасонанд, ки бо як андозбандии бевоситаи даромад ва сармоя ба онҳо ноил шудан мумкин нест. Илова бар ин, дар андозҳои ғайримустақим иқтидори бузурги танзимкунанда мавҷуд аст, ки имкон медиҳад онҳо дар системаи танзими давлатии иқтисодиёт истифода шаванд.

Дар ҳоли имрӯз ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар даромадҳои андозии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 52,1 фоизро ташкил медиҳад, ки низоми андози миллӣ ба он рабт дорад.

Бо воҷуди ин принсип ва мукаммалнамоии механизмҳои ситонидани андозҳои ғайримустақим дар шароити муосири мамлакат ба таҳқиқ ва асоснокии имлӣ ниёз доранд, ки муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

Дар автореферат таъкид шудааст, ки давлат барои татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ ба андозаи кофии захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ дорад. Маҳз андозҳои мустақим ва ғайримустақим таъминкунандаи аслии ин захираҳо ба шумор мераванд ва бо ин мақсад дар ҳамаи кишварҳо низоми андозбандӣ самаранок истифода бурда мешавад. Бо ҳамин муаллиф дар асоси баррасии мулоҳизаҳои муҳаққиқон оид ба хусусиятҳои фарқкунандаи андозҳои мустақим ва ғайримустақим чор консепсияҳои назариявиро низомбандӣ ва тасниф намудааст (С.11.).

Дар автоферати диссертатсия таҷрибаи давлатҳои Британияи Кабир, ИМА, Лаҳистон, Италия, Фаронса ва Федератсияи Россия оид ба тадбиқи андозҳои ғайримустақим омӯхта шуда, имкониятҳои тадбиқи онро дар низоми андози Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ донистааст (С.13).

Баъдан муаллиф аз рӯи нишондиҳандаҳои ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар воридоти андозии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даромадҳои асосии андози ба буҷети давлатӣ ва даромади андоз аз арзиши иловашуда ба буҷети давлатӣ нақш ва мақоми андозҳои ғайримустақимро дар иқтисодиёт муайян намудааст (С.18-20).

Дар баробари худ автореферати диссертатсия аз камбудву норасоиҳо орӣ нест ва ба қатори онҳо дохил мешаванд:

1. Хуб мешуд агар унвонҷӯ масъалаҳои андозбандии ғайримустақимро бо назардошти рақамикунонии иқтисодиёт баррасӣ мекард.

2. Дар автореферати диссертатсия механизми ситонидани андозҳои ғайримустақим ва самтҳои маъмурикунонии он асоснок мекард кори илмӣ бурд мекард.

Камбудиву эродҳои гирифташуда, хусусияти тавсиявӣ дорад, ва сифати кори диссертатсиониро коста намегардонанд.

Умуман автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзӯи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», дорои навгонӣ ва натиҷаҳои назарраси илмӣ буда, ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз» сазовор дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.**
**Ғафуров” д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ, д.и.и., профессор Алиджанов Д.А. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru